**Тақриз**

**Ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмии филология 10.02.01 – забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2019. – 50 с.**

Ҳар як марҳилаи тараққиёти ҷамъияти инсонӣ дар забон нақши худро гузоштааст, ки хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” аз ин истисно нест. Ба ин маънӣ мавзӯи мавриди тақриз бидуни шакку шубҳа хеле тадқиқбоб ва актуалӣ буда, бори аввал истифодаи феъл дар мисоли яке аз матнҳои тарҷумаи форсии “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ аз нигоҳи забоншиносӣ мавриди назар қарор ёфтааст. Ин вазифаи хеле ҷиддӣ ва муҳимро ба ӯҳда гирифта, муҳаққиқи рисола дар асоси маводи зиёд тавонистааст, ки аввалин шуда, хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феълҳоро дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ бо далелҳои қотеъ ба риштаи таҳқиқ кашад.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддима гузориши масъала, дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, аҳамияти назариявию амалии он, усул ва ҳадафи вазифаи таҳқиқ асоснок кунонида шудаанд. Муаллиф аз байни ҳама гуфтаҳову навиштаҳо нуктаҳоеро дарёфтааст, ки ӯро ба тадқиқи хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ водор сохтаанд ва ин нуктаҳо дар се боби рисола мавриди шарҳу эзоҳ қарор гирифтаанд.

Боби якуми рисола “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” ном дошта, аз ҳафт зерфасл иборат мебошад. Дар ин зерфаслҳо феълҳои матни “Таърихи Бухоро” аз назари истеъмол ба гурӯҳҳои умумиистеъмол, камистеъмол; инчунин, мафҳумӣ ва ҳиссӣ; якҳиҷоӣ ва дуҳиҷоӣ ҷудо карда шудаанд. Дар боби якум, хусусан, дар бораи ба тағйироти шакливу маъноии бавуҷудомада дар феъл сухан рафта, қайд карда мешавад, ки дар тақрибан зиёда аз 20 феълеро дидан мумкин аст, ки пурра ва ё қисман маънояшон дигаргун шудаанд ва бо мисолҳои фаровон муаллиф онро исбот кардааст, ки ин аҳамияти рисоларо боз дучанд намудааст.

Боби дувуми диссертатсия “Сохтори феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” ном дошта, чор зерфаслро дар бар мегирад. Дар натиҷаи

муқоисаву муқобалаи маводҳои гуногун ва мулоҳизаҳои амиқу мантиқӣ дар зерфаслҳо муаллиф мӯйро аз хамир ҷудо карда, ба таври муназзам фикри худро тақвият додааст. Чунончи, муаллиф нигоштааст: “Аксар феълҳои дуҳиҷоии форсӣ-тоҷикӣ дар натиҷаи ба ҳам омадани унсурҳои гуногуни калимасозии форсии бостон шакл гирифтаанд” (саҳ. 4), ки ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ аст. Дар ин боб феълҳои содда, сохта ва таркибии “Таърихи Бухоро” мӯшикофона бо далелҳои раднашаванда тадқиқ ёфтаанд.

Дар боби севуми рисола - “Хусусиятҳои грамматикии феълҳо дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” ном дошта, аз чаҳор зерфасл иборат мебошад. Дар боби мазкур хусусиёти грамматикии феълҳои асар аз нигоҳи намуд, тарз, замон, сиға, таҳлилу баррасӣ шудаанд. Инчунин, дар рисола феълҳои “дуруст” ва “нодуруст” ва тарзҳои бавосита ва бевоситаи феъл мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Ин боб яке аз боҳои калонтарини рисола ба шумор меравад. Дар рисола аз он ҷумла, омадааст, ки робитаи байни асосҳо дар феъл таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар рисола аз он ҷумла, омадааст, ки “дар забони матни осори асрҳои 1Х-Х чаҳор сиға мушоҳида мешавад, сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сиғаи амр, сиғаи дуоӣ” (с. 20-21). Барои ҳар як сиғаҳо муаллиф мисолҳои фаровон оварда, фикри худро исбот намудааст.

Дар хулоса муаллиф чунин натиҷагирӣ кардааст: Феълҳои содда ва сохта дар муқоиса ба феълҳои таркибӣ бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд, як миқдори муайяни феълҳо дар гузашта сермаъно будаанд, вале дар забони муосир дар доираи маҳдуди маъноӣ истеъмол мегарданд, мисли: хондан, хестан ва ғайра, ки ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ аст. Хулосаи рисола мисли муқаддимаи он васеъ буда, мундариҷаи бобҳо ва фаслу зерфаслҳо ба таври фишурда дар якчанд банд баён гардидаанд. Рисола дар маҷмӯъ ба кас таассуроти хуб мебахшад. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун ҳадаф ва мақсади рисолаи диссертатсионӣ қарор гирифтаанд, муяссар гардидааст. Дар рисола бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик хусусиятҳои луғавӣ-

грамматикии феъл дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ ба сурати яклухт ва системанок мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди ин автореферат аз баъзе камбудиҳо орӣ нест:

1) Забони автореферат равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта дар саҳифаҳои 6, 9, 10, 12, 16, 18 мушоҳида мешавад;

2) Баъзе калимаҳо аз ҷиҳати имло ғалатанд, чунончи, дар саҳифаҳои 5, 21 омадаанд: **вижагиҳои хосси феълҳо, вижагиҳои хосси он** ва ғайра, яъне, калимаи **хос** бо ду ҳамсадои "с" зикр шудааст;

3) Гоҳо аломатҳои китобат риоя карда намешаванд;

4) Номҳои баъзе аз олимони рус дар матни тоҷикӣ бо аломати ҷудой омадаанд, масалан: Е. Э. Бертельс, А. З. Розенфельд, ҳол он ки дар забони тоҷикӣ аломати ҷудой соқит шудааст.

Ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии рисоларо коҳиш намедиҳад. Муаллиф тавонистааст, ки мақому манзалат ва хусусиятҳои луғавию грамматикии феъл дар "Таърихи Бухоро"-ро аввалин шуда ба таври илмӣ исбот намояд.

Аз ин рӯ бо итминон изҳор менамоям, ки автореферат ва диссертатсияи номзадии Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович рисолаи таҳқиқотии баанҷомрасида ҳисобида шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДОТ ба номи С. Айнӣ: Алиев О.

Тел.: 992985122828

13.05.2019 г.

Имзои Алиев Одилҷонро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Назаров Давлатхон